ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода К.Х. _____
«20» _____ с. 2022

ХУЛОСАИ

кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи: «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич соли 2010 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло бо ихтисоси сиёсатшинос - маъмур хатм кардааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ аз санаи 29-уми августи соли 2020, таҳти № 4026 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Муҳабатов Абдусалом: номзади илмҳои фалсафа, профессори кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Дар давраи омода гардидани диссертатсия Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич аспиранти шӯъбаи ғоибонаи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Айни замон муаллими калони кафедраи мазкур мебошад.

Вобаста ба натиҷаҳои муҳокимаи рисола хулосаҳои зерин қабул гардиданд:

Омӯзиши сиёсати давлат дар соҳаи маориф яке аз масъалаҳои муҳимми илмҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, паҳлуҳои гуногуни он дар ин диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Хусусиятҳои илмии диссертатсия, аз ҷумла ҷанбаҳои назариявию методологии мавзуи таҳқиқот, раванди татбиқ гардонидани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм мушоҳида мегардад. Маҳз соҳаи маориф метавонад омили асосии рушди дигар соҳаҳо баромад намояд. Аз ин сабаб мавзуи мазкур диққати муҳаққиқони зиёди дохилӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Диссертатсияи мазкур мустақилона омода гардида, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор меравад ва он аҳаммияти назариявию амалӣ дорад. Дар раванди таҳқиқот, муаллиф доираи васеи маъхаз ва адабиётҳои илмиро мавриди омӯзиш қарор дода, бо истифода аз онҳо паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои таҳқиқотиро баррасӣ намудааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот дар амал татбиқ гардида, хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастомада илман асоснок гардидаанд.

Аҳаммияти мавзуи интихобшуда дар он ифода мегардад, ки масъалаи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок эътироф гардида, он дар шароити хеле ҳассос, ҳатто дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ низ аз мадди назари эҷодкунандагони сиёсат дар канор намонда буд. Аз ин рӯ, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки бо ин тағйироти ҳамаҷонибае, ки дар соҳаи маориф ба вуҷуд омадааст, омӯзиши мавзуи мазкур бисёр муҳим ва саривақтӣ мебошад. Зеро амалан исбот гардидааст, ки тараққиёти иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоии ҳар кишвар аз соҳаи маорифи пешрафта вобастагии калон дорад. Гузаштан аз як системаи анъанавие, ки даҳсолаҳо дар раванди таълим ва тарбияи соҳаи маориф амал менамуд, ба як ситемае, ки то ҳоло барои баъзе аз кормандони соҳаи маориф номуайян боқӣ мондааст, воқеан яке аз масъалаҳои асосӣ мебошад, ки ба таҳлили ҳамаҷонибаи мутахассисони соҳаҳои гуногун ниёз дорад. Аз ин ҷиҳат, масъалаи мазкур ба таҳлили ҳамҷонибаи паҳлуҳои илми сиёсӣ ниёзманд мебошад, ки аз ҳамин нигоҳ, диссертатсияи мазкур хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Дар

диссертатсия ба омӯзиши самтҳои гуногуни сиёсати давлатӣ ва ҷалби диққати ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамчунин ҳамкорӣ бо созмонҳои минтақавию байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илм таваҷҷуҳи махсус дода шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол манфиатҳои минтақавию байналхалқии худро дорад, ки он барои рушди мамлакат ва таъмини суботу амнияти кишвар хеле зарур мебошанд. Аз ин хотир ташаккул ва инкишофи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз маорифи қудратманд вобаста аст. Ҳатто маорифи қудратманд омили асосии таъмини амният дар кишвар, минтақа ва ҷаҳон баромад карда метавонад, зеро ҷомеае, ки илм ва маърифат дорад, наметавон онро ба осонӣ ба моҷароҳои сиёсиву этникӣ ва ё дигар навъҳои моҷаро равона сохт.

Мақсади асосии диссертатсияро таҳлили асосҳои илмию назариявӣ ва методологӣ, муайян намудани роҳҳо, хусусиятҳои инкишоф ва дурнамои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф дар даврои гузариши ҷомеа ташкил медиҳад.

Вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсияро мақсади таҳқиқот муайян мекунад ва онҳо бо нақшаи кори диссертатсионӣ мувофиқат гардонида шудаанд:

- таҳлили асосҳои илмию назариявӣ ва методологии масъалаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;
- муайян намудани омилҳои ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар даврои гузариши ҷомеа;
- раванди татбиқи амалишавии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;
- раванди таҳкими модернизатсионии сиёсати давлатии соҳаи маориф дар Тоҷикистон;
- дурнамо ва инкишофи ислоҳоти соҳаи маориф дар раванди ҷомеаи тағирёбандаи Тоҷикистон.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои дар рафти кори илмӣ – таҳқиқотии бо соҳаи маориф алоқаманд, барои баланд

бардоштани сатҳи маданияти ҷомеа ва ташаккули ниҳодҳои шаҳрвандӣ, гузаронидани машғулиятҳои семенарӣ ва амалӣ оид ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва гузаронидани курсҳои махсус барои кормандони соҳаи маориф ва тайёр намудани мутахассисони ҳамаҷониба ташаккул ёфта истифода бурда мешавад.

Асосҳои методологии таҳқиқотиро муносибатҳое ташкил медиҳад, ки ба назария ва амалия, хусусиятҳои умумибашарии соҳаи маориф ва таҳлили муқоисавии санадҳои ватанию байналмилалӣ дар иртибот мебошанд. Дар рафти таҳқиқот аз методҳои таърихӣ, системанокӣ, муқоисавӣ, институтсионалӣ ва оморӣ истифода шудааст. Методҳои зикршуда ҷиҳати баррасии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф нақши калидӣ доранд. Дар такя ба ин методҳо паҳлӯҳои гуногуни раванди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро муайян кардан мумкин аст. Зимни таҳқиқот ва таҳлили рисола инчунин аз методҳои ташхис, синтез ва ояндабинӣ низ истифода шудаанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки раванди инкишофи маориф баъди ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта ва хусусиятҳои он муайян карда шудааст. Дар ҷараёни таҳққиқот ҷанбаҳои назариявию илмии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф баррасӣ гардиданд. Дар робита ба ин раванди таҳаввули соҳаи маориф дар давраи гузариш таҳлил гардида ва натиҷагирӣ карда шудааст, ки тағйири сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф тибқи меъёрҳои ватанӣ ва байналхалқӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамчунин роҳҳои татбиқи равандҳои инноватисонӣ, модернизатсионӣ, мутобиқнамоии омилҳои мусбати маорифи ҷаҳонӣ ва истифодаи он дар соҳаи морифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардиданд.

Натиҷаҳо ва маводҳои рисоларо метавон дар фаъолияти мақомотҳои идоракунии маориф, дар раванди таҳсилот, дар коркарди воситаҳои таълимӣ, дар таҳқиқи минбаъдаи соҳаи маориф ва омода намудани мутахассисони олидараҷа истифода намуд.

Корҳои нашршуда ва автореферат мазмуни асосии рисоларо инъикос менамоянд.

Мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1 – М. Гадоев Н.З. Теоретико – методологические основы государственной политики в области образования [Текст] / Н.З. Гадоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, маҷалаи илмӣ, №2/6. (175). – Душанбе: «Сино», 2015. – С. 215-220.

2 – М. Гадоев Н.З. Модернизационный процесс образования в условиях государственной независимости [Текст] / Н.З. Гадоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, маҷалаи илмӣ, №2/5. (207) – Душанбе: «Сино», 2016. – С. 264-268.

3 – М. Гадоев Н.З. Образование – приоритетное направление государственной политики в условиях демократизации общества [Текст] / Н.З. Гадоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, маҷалаи илмӣ, №2/7. – Душанбе: «Сино», 2017. – С. 291-296.

4 – М. Гадоев Н.З. Роль общественных дисциплин как приоритетное направление воспитания высококвалифицированных кадров [Текст] / Н.З. Гадоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, маҷалаи илмӣ, №1. – Душанбе: «Сино», 2018. – С. 265-270.

5 – М. Муҳабатов А., Гадоев Н.З. Раванди модернизатсионии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф [Матн] / А.Муҳабатов, Н.З. Гадоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, маҷалаи илмӣ, №5. – Душанбе, 2019. – С. 310-314.

Ҳамчунин мақолаҳои илмию тадқиқотӣ оид ба мавзуи мазкур дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба нашр расидаанд, аз ҷумла:

1 – М. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф – омили муҳим дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ //Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ. (маводи конференсияи ҷумҳуриявии

илмӣ- назариявӣ. ш. Душанбе 12.12.2018.) Душанбе, 2022. – С. 222-230.

2 – М. Раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккули сиёсати навин дар соҳаи маориф. // Ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои нави замони муосир. (маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ) ш Душанбе 05.12.2019 Душанбе 2019. – С. 156 - 165.

3 – М. Ташаккули инсонияти инсон – ҳадафи асосии маориф дар асри XXI // Фалсафаи муосири тоҷик: Мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд. (маводҳои семаинарӣ илмию амалии ҷумҳуриявӣ) ш. Душанбе 24.02.2021. Душанбе, 2021. – С. 319-324.

4 – М. Системаи маориф ҳамчун воситаи муҳимми пешгирии амалҳои манфӣ дар ҷомеаи муосир //Нақши маориф дар мубориза бо ифротгароии сиёсӣ ва терроризм. (маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ) ш. Душанбе 22.02.2022. Душанбе, 2022. – С. 166-175.

5 – М. Нақши маориф дар раванди ҷаҳонишавӣ ва тарбияи сиёсии шаҳрвандони мамлакат // Масалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон (маҷмӯаи мақолаҳои илмию тадқиқотӣ) нашри 4. Матбаъаи «Нигор» ҶДММ «ЭР-граф», – Душанбе, 2016. – С. 59-66.

6 – М. Сиёсати давлат дар соҳаи маориф: мушкилот ва дурнамо // Масалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон (маҷмӯаи мақолаҳои илмию тадқиқотӣ) нашри 5. Матбаъаи «Нигор» ҶДММ «ЭР-граф», – Душанбе, 2017. – С. 121-127.

7 – М. Нақши давлат ва раванди ислоҳот дар системаи маориф // Масалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон (маҷмӯаи мақолаҳои илмию тадқиқотӣ) нашри 6. Матбаъаи «Нигор» ҶДММ «ЭР-граф», – Душанбе, 2018. – С. 110-122.

8 – М. Рушди инкишофи ситёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва дурнамои он // Масалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон (маҷмӯаи мақолаҳои илмию тадқиқотӣ) нашри 7. Матбаъаи «Нигор» ҶДММ «ЭР-граф», – Душанбе, 2019. – С. 72-80.

9 – М. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва хусусиятҳои муҳимми он дар шароити истиқлолияти сиёсӣ. // Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон.(маҷмӯи мақолаҳои илмию тадқиқотӣ) қисми 8. Душанбе 2020. – С. 111 - 117.

Диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ барои гузариши даври дуюми экспертиза дар муассиса пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар бораи диссертатсияи Н.З. Гадоев дар маҷлиси кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра 7 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 7 нафар, зид – нест, бетараф – нест. Суратмаҷлиси №11 аз 15-уми июни соли 2022.

Мудири кафедраи
равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети
фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Сафарализода Х.Қ. _____

Котиби ҷаласа:
н.и.с., муаллими калони кафедраи равандҳои сиёсӣ
дар Тоҷикистони факултети фалсафаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Абилов С.А. _____

Имзоҳои н.и.с., дотсент Сафарализода Х.Қ. ва н.и.с., муаллими калони Абилов С. А. - ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ. Тавқиев Э.Ш.